# ТАҚРИЗИ

мукарризи расмӣ ба кори диссертатсионии Абдусамадзода Бахтулло Абдулманон дар мавзуи "Шароитҳои педагогии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст

*Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ:* Мазмуну мундариҷаи диссертатсияи Абдусамадзода Бахтулло Абдулманон дар мавзуи "Шароитҳои педагогии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ", ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот: аз он ҷумла, ба *банди 3* – «Антропологияи педагогӣ» (низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия , таҳсилот;), *банди 4* – «Назария ва консепсияи таълим» (қонқниятҳо, принсипҳои таълими кӯдак дар давраҳои гуногуни ба камол расидани ӯ; фардикунонӣ ва тафриқаи таълим; намудҳо ва амсилаҳои таълим, доираи татбиқи онҳо; технологияҳои таълим; консепсияҳои рушди таъминоти таълимӣ-тарбиявии раванди таълим ва воситаҳои таълим, махсусиятҳои таълим дар зинаҳои гуногуни таҳсилот) мутобиқат дорад.

*Мубрам будани мавзуи диссертатсия.* Мубрамии мавзуи таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи таҳқиқнамудаи Абдусамадзода Бахтулло Абдулманон яке аз мавзуъҳои асосии педагогикаи муосир ба ҳисоб меравад. Зеро, тавре, ки муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ изҳор намудааст таҳаввулоте, ки дар даҳсолаҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал омадааст, талаботҳои комилан нав барои тарбияи фарзандро фароҳам меорад. Вазифаи таъхирнопазир дар марҳилаи кунунӣ ин таъмин намудани тандурустии насли наврас аст. Яке аз ҳадафҳои асосии таълим ва тарбия пас аз ислоҳоти он фароҳам овардани муҳити таълимию тарбиявӣ мебошад, ки ба эҳёи ҷисмонӣ ва маънавии кӯдакони синну соли ибтидоӣ мусоидат менамояд, ташаккули тарзи ҳаёти солим, ташаккули фарҳанги солим, таъсири мусбии омилҳои берунӣ ва дохилии муҳити зист ва ҳавасмандгардонии тарзи ҳаёти солимро ташкил медиҳад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти сершумори тандурустии насли ҷавон боиси нигаронии ҷиддӣ мебошанд. Дар заминаи дигаргуниҳои манфии вазъияти экологӣ, мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ, ихтисосҳои тиббии

маҳдуди тиббӣ, суръати афзоиши кӯдакони дорои тандурустии заиф дар муассисаҳои таълимӣ возеҳ аён аст. Онҳо барои мутобиқ шудан ба фаъолиятҳои омӯзишӣ, тамаркуз ва анҷом додани вазифаҳои таълимӣ мушкилӣ доранд. Ин ҳолати организм самараи технологияҳои пешқадами педагогиро коҳиш медиҳад ва иҷрои барномаи рушди шахсиятро ба таври назаррас мушкил мекунад.

Вобаста ба ҳаллу фасли ин масъала дар замони ҳозира дар баробари дигар соҳаҳои ҳаёт, дар назди муассисаҳои таълимӣ ва коллективҳои омӯзгорӣ талабот ва вазифаҳои нав гузошта шудааст, ки боз ҳам аҳамияти тарзи ҳаёти солим бештар касб карда истодааст, ки ба тарбияи насли имрӯза ва ҷавонони кишвар вобастагии амиқро ба миён меорад.

Илова ба ин муаллиф дуруст таъкид кардааст, ки динамикаи манфии тандурустии ҷамъиятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди тадқиқоти илмӣ дар соҳаҳои гуногуни дониш мусоидат кард, ки бо рушди соҳаҳо ва технологияҳои мувофиқ барои ҳалли ин мушкилот алоқамандии зич доранд. Ба ақидаи мо, барои ҳалли мушкили нигоҳ доштан ва рушд додани тандурустии инсон бояд саводнокии хонандагони мактабҳоро дар масъалаҳои фарҳанги тандурустӣ баланд бардорем. Зарурияти таҳқиқи шароитҳои педагогии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз мубрамии мавзуи диссертатсия гувоҳӣ медиҳад.

Ҳадаф аз нуктаҳои ироашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи Абдусамадзода Бахтулло Абдулманон дар замони муосир бениҳоят мубраму муҳим ва дорои аҳамияти махсуси назариявию амалӣ буда, он бо дарназардошти талаботи шароити муосир ба таълиму тарбияи насли наврас, ҷавонони кишвар ва дар заминаи таҳаввулоту ислоҳоти куллие, ки солҳои охир дар таҳсилоти Тоҷикистон, махсусан дар шароити гузариш ба муносибати босалоҳият ба таълим рӯи кор омадаанд, таҳия ва барои дифоъ пешниҳод шудааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар воқеъ таҳқиқоти Абдусамадзода Б.А. аз арзиши илмиву аҳамияти амиқи назариявию амалӣ бархурдор буда, дар он масъалаҳо муҳими заминаҳои назариявии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, таъмини муҳити тандурустӣ ва тарзи ҳаёти солим дар хонандагон ҳамчун масъалаи педагогӣ, роҳҳо ва воситаҳои таъмини муҳити тандурустӣ ва тарзи ҳаёти солим дар мактаби муосир ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуда, мукаммал мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Инчунин, довталаб Абдусамадзода Б.А. дар таҳқиқоти диссертатсионии худ таҳқиқу таҳлили проблемаҳои муҳимеро вобаста ба мавзӯи диссертасия ба нақша гирифта, дар ҳаллу фасли онҳо ба қадри имкон муваффақ гардидааст. Аз он ҷумла:

-омӯзиши вазъу ҳолати проблемаи дастгирии муҳити солими атроф ва ташаккули ТҲС дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар назария ва амалияиМТМУ муайян ва асоснок намудааст;

-омӯзиши таҳқиқотхои педагогӣ оидба масъалаҳои тандурустӣ ва ТҲС дар хонандагони синфҳои ибтидоиро ошкор сохта, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст;;

-коркарди амсила барои таъмини муҳити солим ва ташаккули ТҲС-и хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифодаи мустақилонаи донишҳо, малакаҳо ва қобилиятҳо барои тарғиби ТҲС таҳия ва истифодаи усулҳои нави самараноки таълимӣ, тавсияҳо пешниҳод намудааст;

- мундарича, хусусият ва технологияи ҳифзи тандурустӣ ва ТҲС дар низоми МТМУ тавсияҳо пешниҳод намудааст;

Бинобари ин, месазад, ки таҳқиқоти мавриди баррасиро ниҳоят мубрам, саривақтӣ ва дархури ниёзҳои таҳсилоти муосир арзёбӣ кунем.

*Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:*

Пеш аз ҳама, месазад дурустӣ ва фарогири тамоми ҷанбаву паҳлуҳои назариявию амалии мавзуи диссертатсия будани вазифаҳо ва фарзияи илмии муаллифи диссертатсияро қайд намоем. Арзёбии натиҷаҳои диссертатсия ва таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии баргузорнамудаи Абдусамадзода Б.А. ҳамчунин хулосаву тавсияҳои методии коркард ва манзурнамудаи ӯ бозгӯи онанд, ки муаллиф ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо ҳаллу фасл кардааст ва дар натиҷа фарзияи илмии пешнҳодкардааш дар амал тасдиқи худро пайдо кардааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки навгонии илмии таҳқиқот асоси илмиву воқеӣ дошта, баҳсангез нестанд. Зеро таҳлилу баррасии таҳқиқоти диссертатсионӣ, натиҷаи корҳои озмоишӣ, хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодшуда собит месозанд, ки дар воқеъ аз ҷониби муаллиф таҳқиқоти мубрам гузаронида шудааст.

Ба андешаи муаллиф роҳандозии чорабиниҳои махсус ташкилкардашуда, метавонанд ба амалисозии муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим мусоидат кунанд. Аз қабили:

-баланд бардоштани сатҳи донишҳои тиббӣ, психологӣ ва педагогии

омӯзгорон ва волидайн;

-ташкилу баргузории вохӯрӣ, сӯҳбат, баҳсу мубоҳисаҳо бо шахсони шинохтаи адабиёт, санъат, табибон;

-ҳамкории муштараки омӯзгорон, хонандагон, табибон ва волидон дар ташкилу баргузории чорабиниҳои маърифатӣ, таълиму тарбиявӣ, варзишӣ - фарҳангӣ, истироҳатӣ - фароғатӣ;

-ташкилу роҳбарӣ ба гурӯҳҳои тандурустӣ ва марказҳои тиббӣ-педагогӣ, ки дар онҳо бештар ба кӯдакони талабот ва имкониятҳои махсуси таҳсилотӣ ва саломатидошта диққати махсус дода мешаванд ва ғайраҳо.

Ҳамзамон, дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ ва озмоишӣ масоили таъмини муҳити тандурустӣ ва тарзи ҳаёти солим дар хонандагон ҳамчун масъалаи педагогӣ, роҳҳо ва воситаҳои таъмини муҳити тандурустӣ ва тарзи ҳаёти солим дар мактаби муосир, банақшагирии муҳити тандурустӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ба таври самаранок ҳаллу фасли худро ёфтаанд, ки аз навгониҳои дигари таҳқиқоти диссертатсионӣ дарак медиҳанд, масалан:

- муносибати маҷмуӣ ба таҳияи муҳтаво ва чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани саломатии хонандагон ташаккул меёбад ва онҳо ба ҷамъоварии дониш оид ба тарзи ҳаёти солим мусоидат мекунанд, тасдиқ гардид;

- дар сохтори таъмини саломатии хонандагон омили педагогӣ ҷузъи таркибии он мебошад, ки моҳияти он ангезаи муҳими тарзи ҳаёти солим дар тарбияи фарзандон, дарки моҳияти фарҳанги солимӣ ва тарзи ҳаёти солим мебошад, муайян карда шуд;

- имкониятҳои дар асоси муносибати маҷмуӣ раванди ташаккули тарзи ҳаёти солимро идора карда, дар айни замон ба он муҳити солим таъсир расонад, шароитҳои ташкилию педагогӣ муқаррар карда шудаанд;

-хусусиятҳои муҳити солим ва ташаккули ТҲС барои хонандагони зинаи аввали таҳсилот омӯхта шуда, имконоти он барои ташаккули сифатҳои шахсии кӯдакон дар муҳит ва шароити мактаб мавриди омӯзиш қарор гирифтанд;

-шароитҳои педагогӣ дар асоси таҷрибавӣ,ки ба таъмини муҳити солим ва ташаккули ТҲС дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ мусоидат мекунад, муайян ва санҷида шуданд;

Нуктаҳои илмии зерини аз ҷониби муаллифи таҳқиқот ба ҳимоя пешниҳодшуда натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот бадастомадаро барои

баррасӣ муаррифӣ карда, мундариҷа ва муҳтавои мантиқии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд:

-ТҲС - ин сифати маҷмуии сохтори шахсияти хонанда дар марҳилаи ибтидоии таълим мебошад, ки дар он хонандагон ва омӯзгорон як қатор омилҳои муҳими ташаккул, таҳким ва ҳифзи саломатии худро истифода мебаранд, ки аз шаклҳои амалии рафтор ва дониши назариявӣ, ки дар навбати худ ба ҳалли вазифаҳои рӯзмарра, иҷтимоӣ ва тарбиявӣ дар шароитҳои барои саломатӣ мувофиқтар мусоидат мекунанд;

- Амсилаи консептуалии баланд бардоштани омодагии хонандагон дар марҳилаи ибтидоии таълими тарғиби ТҲС дар фаъолияти худ таҷассуми сохторе дониста мешавад, ки аз муносибати пурмазмун ба ТҲС, малакаҳои амалӣ ва донишҳои назариявии ҳифз ва нигоҳдории онҳо иборат аст. Ин равиш ба таври сохторӣ тавассути ҷузъҳои аз ҷиҳати ҳавасмандкунанда арзишманд, зеҳнӣ ва функсионалӣ пешниҳод карда мешавад;

- технологияҳои иҷтимоию педагогии ташаккули ТҲС-и хонандагон дар марҳилаи ибтидоии таълим аз маҷмуи чорабиниҳои мақсаднок ва пайвастаи ташаккули ТҲС иборат аст, ки аз таъсири мутақобилаи субъектҳои раванди педагогӣ, аз ҷумла воситахои илмӣ ба вуҷуд меоянд. Онҳо умуман ба баланд бардоштани омодагии хонандагон ба тарғиби ТҲС нигаронида шудаанд;

-раванди барқарорсозӣ ва ташаккули ТҲС таъминоти таълимӣ ва методиро дар бар гирифта, ба мақсад мувофиқ аст, ки низоми мувофиқи раванди таълим, аз мавҷудияти донишҳои мунтазам оид ба ТҲС иборат буда, тарғиби ТҲС, технологияҳои махсуси таълиму тарбияи насли наврасро ба роҳ монад.

*Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда:*

Муқаррароти назариявии таҳқиқот ба таври кофӣ далелнок карда шуда, дар асоси таҳлилу арзёбии адабиёти илмӣ дар соҳаи методикаи таълим, педагогика ва психология, кори таҷрибавию озмоишӣ оид ба мавзуи таҳқиқот анҷом ёфтаанд.

Муҳимтарин самтҳои таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар он аст, ки муаллифи рисола заминаҳои назариявии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, таҳқиқи таъмини муҳити тандурустӣ ва тарзи ҳаёти солим дар хонандагон ҳамчун масъалаи педагогӣ, роҳҳо ва воситаҳои таъмини муҳити тандурустӣ ва тарзи ҳаёти солим дар

мактаби муосир ҳам аз таҷрибаи муҳаққиқони хориҷӣ ва ҳам аз дидгоҳи олимону пажӯҳишгарони варзидаи ватанӣ ҳаматарафа омӯхта, таҳлил ва коркард намуда, натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаи худро дар шакли хулосаҳо ва тавсияҳои методӣ омода ва пешниҳод карда, барои исботи андешаҳои худ аз осори илмии олимони маъруфи муосири тоҷику хориҷи кишвар андешаву мулоҳизаҳои хеле зиёду арзишмандро овардааст, ки дурустиву эътимоднокии навгониҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодкардаи муаллифро боз ҳам возеҳтар собит месозанд.

Натиҷаҳои ноилгардидаи таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилооти методӣ, педагогӣ, психологӣ, таҳлилу таърифи бисёрсатҳаи мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои ҳамдигарро мукаммалкунандаи таҳқиқотӣ, таҷрибаи шахсии худи муаллиф ҳамчун устоди Донишкадаи менеҷмент ва технологияи инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб, ки ба ҳадаф, предмет, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқанд, таъмин карда шудаанд. Дастовардҳои таҳқиқот дар семинарҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-амалии, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, Донишкадаи менеҷмент ва технологияи инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб, ҷаласаҳои кафедраи педагогика, психология ва методикаи таълими донишгоҳи мазкур, инчунин дар мизҳои мудавари ПРМ ба номи А.Ҷомии АТТ муҳокима ва мавриди озмоиш қарор дода шуданд.

Муҳтавои асосии рисола ва натиҷаҳои таҳқиқоти озмоишӣ дар семинару конференсияҳо, мизҳои мудаввар, семинарҳои омӯзишӣ, ки солҳои 2017-2022 дар Донишкадаи менеҷмент ва технологияи инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб баргузор гардиданд, ироа, тасвиб ва тасдиқи худро ёфтаанд.

*Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо:*

Арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқот аз навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот бар меояд, ки нуктаҳои зерин муаррифгари онанд:

- тавсияҳои методии таҳияшуда, такмили раванди таълиму тарбияи хонандагони муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ дар самти тарзи ҳаёти солим таъмин хоҳанд кард;

- натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми коркарди ҷанбаҳои методии баланд бардоштани малака дар ин самт ва сифати омӯзиши хонандагон истифода гардида, мавриди таваҷҷуҳи мутахассисони соҳаи педагогика, психология ва бахши тарбия дар синфҳои ибтидоӣ қарор гиранд;

- таҳқиқотҳои олимон оид ба истифодаи нақшаи тарзи ҳаёти солим дар раванди таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳаматарафа мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд;

- проблема ва асосҳои назариявию амалии раванди тарзи ҳаёти солим дар таълимгоҳ муайян ва коркард карда шудаанд;

- самаранокии моделҳои пешниҳодшуда оид ба истифодаи нақшаи тарзи ҳаёти солим дар раванди таълим собит шудаанд;

- вазъи коркарди методии масоили ҷиҳати банақшагирии муҳити тандурустӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян карда шудаанд;

- тавсияҳои муассиру дар асоси озмоиш санҷидашуда пешниҳод када шудааст, ки ба ташаккули раванди таълиму тарбияи хонандагон, интихоби тарзи ҳаёти солим, маҳорату малакаҳои онҳо мусоидат менамояд;

- натиҷаҳои амалии таҳқиқот ва истифодаи тавсияҳои методие, ки таҳия ва ироа шуданд, имконият медиҳанд, ки талаботи барномаи таълим ва мазмуни фаъолияти педагогӣ нисбати таълиму тарбияи хонандагон дар самти тарзи ҳаёти солим, таҷдиди назар шаванд;

- тавсияҳои методӣ метавонанд амалан дар раванди омодасозии омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ ва олии касбии равияи омӯзгоридошта, дар курсҳои такмили ихтисос ҷиҳати такмили маҳорати касбии омӯзгорони макотиби олии кишвар ва таҳияи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ истифода шаванд.

*Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ:*

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои илмию амалӣ, мизҳои мудаввар ва семинарҳои илмӣ-методии дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон баргузор шуда ироа ва баррасӣ гардиданд, дар нашрияҳои илмии тақризшаванда дар шакли 10 мақолаҳои илмӣ ва дастурҳои методӣ, аз он ҷумла 5 номгӯй дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 5 номгӯй дар маҷмӯаи маводи конференсияҳо ба табъ расидаанд, ки муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

*Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия:*

Автореферат ва тартиби таҳияи диссертатсия ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои

дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода карда, тасаввуроти аникро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин аст.

Диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал фаҳмо, бо лаҳни равони тоҷикӣ, босаводона навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва мутасилӣ ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола хулосаҳои возеҳ баровarda шудааст.

*Эрод ба таҳқиқоти диссертатсионӣ:*

Дар баробари дастовардҳои муҳими илмиву амалӣ дар диссертатсия ва автореферати он баъзе камбудиву норасоиҳо ба назар мерасанд, аз ҷумла:

1. Ҳарчанд муҳаққиқ "Барномаи миллии ташаккули тарзи ҳаёти солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020"-ро мавриди омӯзиш карор дода бошад хам, хуб мебуд, ки дар рисола мазмуни барнома васеътар таҳлил гардида, меъёрҳои тарзи ҳаёти солим ва ташаккули фарҳанги тандурустии хонандаи хурдсол дар асоси талаботи барномаи мазкур мавриди таҳқиқу таҳлил қарор дода мешуданд.

2. Аз нигоҳи мо дар диссертатсия таҳқиқотҳои олимону муҳаққиқони тоҷик назар ба осори илмии муҳаққиқони хориҷӣ камтар таҳлилу баррасӣ шудаанд.

3. Дар баъзе сахифаҳои кори диссертатсионӣ хатогиҳои имлоӣ, мантиқӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, ки ба тадвину таҳрир ниёз доранд.

Ҳамзамон бояд афзуд, ки ин камбудиҳо ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмиву амалии диссертасияро коста намегардонанд.

## ХУЛОСАИ ҶАМЪБАСТӢ

1. Диссертатсияи Абдусамадзода Бахтулло Абдулманон кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона дар сатҳи нисбатан хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

2. Довталаб ба ҳадафи дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда ноил шуда, вазифаҳои илмии таҳқиқотро ҳаллу фасл кардааст ва фарзияи таҳқиқот тасдиқи худро ёфтааст.

3. Диссертатсияи Абдусамадзода Бахтулло Абдулманон дар мавзуи "Шароитҳои педагогии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ", ки барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомнома оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Муқарризи расмӣ, номзади илмҳои
педагогӣ, мудири кафедраи педагогика
ва психологияи Коллеҷи омӯзгории ба
номи Х. Махсумоваи Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Асадуллоев Р.Д.

08.06.2023

**Маълумот барои тамос:**

Шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 1; Тел +992 905 05 41 50; Почтаи электронӣ: a.rahmatullo@mail.ru

*Имзои Асадуллоев Раҳматулло Давлатовичро тасдиқ мекунам.*

*Мудири шуъбаи кадрҳои*
*Коллеҷи омӯзгории ба номи*
*Х. Махсумоваи ДДОТ ба номи С. Айнӣ Наҷмиддинов Ш.М.*